Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ Акмалзода Нодирхон Носир «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тавсия шаванд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Оид ба мухтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 2 дастурамали илмӣ-амалӣ ва 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Акмалзода Нодирхон.Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», мубрам ба хисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти иктисодии кишвар аҳаммияти ҳам назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” иброз намуданд, барои нигоҳ до́штани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома дорад.

Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар омилҳои зерин инъикос меёбад:

– ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, санадҳои зерқонунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои равияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии дахлдор;

– дар раванди таълим: ҳангоми таълими дарсҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар дастурҳои таълимию методӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлили маҷмуии аломатҳои таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва судӣ доир ба бандубасти ин кирдор ва коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки барои мубориза бо ҷинояти мазкур ифода мегардад.

Аз ин лиҳоз, барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда муҳақиқ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– омӯзиши инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– омӯзиш ва таҳлили азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ;

– таҳлили аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрфкорӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва амалишавии он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ.

Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, исбот мегардад. Ин нуктаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули **КҶ ҶТ** (соли 1998) рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба таҳқиқоти низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ

барои ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ» масалаҳои инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди омузиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант иброз менамояд, ки аввалин санади меъёрие, ки дар он азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қайд шуда буд, ин Низомнома дар бораи трибуналҳои ҳарбии инқилобӣ, ки бо Декрети КИМУ аз 20 ноябри соли 1919 қабул карда шуда буд, ба ҳисоб мерафт. Дар ин низомнома азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шуда, он барои ҳимояи молу мулки ба гунуҳгор аз рӯйи хизмат бовар карда супоридашуда равона шуда буд. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 марҳилаи нав дар инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб мерафт. Дар Кодекси мазкур фарқгузории ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр вобаста ба шакли моликият анҷом дода нашуда буд. КҶ ҶШФСР 1922 ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои азонихудкунӣ ва исрофкории молу мулке муқаррар менамуд, ки ба шахси инфиродӣ ё шахси мансабдор барои мақсадҳои муайян бовар карда супорида шуда бошад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ–«Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ»-ро фаро гирифта масъалаҳои объект ва предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, тарафи объективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, хусусиятҳои субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, тарафи

субъективии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, аломатҳои вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ва амалишавии онҳо дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки объекти хелии ҷиноятҳои дар фасли фасли IX КҶ ҶТ муттаҳид гардидаанд. Аз ҷумла, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муносибатҳои ҷамъиятии гурӯҳи якхелае ба ҳисоб меравaнд, ки дорои аломатҳои умумӣ буда, тавассути комплекси ягонаи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ муҳофизат карда мешаванд. Аломати умумии муттаҳидкунандаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар он ифода мегардад, ки ҷиноятҳои мазкур дар соҳаи иқтисодиёт содир гардида, зарар маҳз ба муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт расонида мешавад. Муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба муносибатҳои моликиятии байни молик ва аъзоёни дигари ҷомеа зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳад.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ баровarda, барои амали кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи -заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми криминалогия ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода

меёбад. Аз ин лиҳоз, муқовимат ба тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба шахс бовар карда шудааст, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, онҳо бахри ошкор, тафтиш ва барқарор намудани зарарҳои молиявӣ марбут ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ чораҳои судманд андешида, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани ин қабил ҷиноятҳо корҳои муайянро анҷом медиҳанд. Мақомоти тафтишотии Агентӣ дар тӯли фаъолияти худ дар самти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир гардидааст, таҷрибаи зарурӣ андӯхтаанд.

Бояд иброз намуд, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мубориза бо он, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф ду дастурамали илмӣ-амалӣ ва 6 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқотӣ диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат
бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Т.Ш.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«25» январи 2024 с.